Тасдиқ мекунам
Директори Институти тибби
ветеринарии Академияи илмҳои
кишоварзии Тоҷикистон
н.и.в. _____ Атовуллозода Р.А.
аз «24» 01 2026с.

ХУЛОСАИ

ҷаласаи байниозмоишгоҳии озмоишгоҳи бемориҳои бактериявӣ ва зоонозҳои Институти тибби ветеринарии Академияи илмҳои кишоварзии Тоҷикистон (ИТВ АИКТ) аз 23 январи соли 2026, Душанбе.

Диссертатсияи **Кашкулоев Маҳмадназар Шарипович** дар мавзуи «Омӯзиши вазъи эпизоотӣ ва эпидемиологии бемории брутселлёз, гузаронидани мониторинг ва таҳияи тадбирҳои мубориза дар байни қутосҳои Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон (ВМКБ)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ветеринарӣ аз рӯйи ихтисоси 4.3.2. Микробиологияи ветеринарӣ (вирусшиносӣ, эпизоотология, занбӯруғшиносӣ бо заҳрзанбӯруғшиносӣ, масуниятшиносӣ) дар озмоишгоҳи бемориҳои бактериявӣ ва зоонозҳои ИТВ АИКТ иҷро шудааст.

Дар ҷараёни омода намудани диссертатсия **Кашкулоев Маҳмадназар Шарипович** унвонҷӯи озмоишгоҳи бемориҳои бактериавӣ ва зоонозҳои ИТВ ба шумор мерафт.

Кашкулоев Маҳмадназар Шарипович соли 1978 ба ихтисоси 1-74030201- «Тибби ветеринарӣ» ба факултети ветеринарии Донишгоҳи Аграрии Тоҷикистон ба номи Шириншоҳ Шоҳтемур дохил шуда, соли 1983 хатм намуд. Пас аз хатми донишгоҳи номбурда барои идомаи таҳсил ба ҳайси унвонҷӯй аз рӯи ихтисоси 4.3.2. Микробиологияи ветеринарӣ (вирусшиносӣ, эпизоотология, занбӯруғшиносӣ бо заҳрзанбӯруғшиносӣ, масуниятшиносӣ) соли 2013 дохил шуда, зинаи мазкурро бо ихтисоси 4.3.2. Микробиологияи ветеринарӣ (вирусшиносӣ, эпизоотология, занбӯруғшиносӣ бо заҳрзанбӯруғшиносӣ, масуниятшиносӣ) соли 2017 хатм кардааст.

Номбурда бо фармоиши директори Институти тибби ветеринарии АИКТ аз «02» январи 2014 с. ба ҳайси унвонҷӯи озмоишгоҳи бемориҳои бактериавӣ ва зоонозҳои Институти тибби ветеринарии АИКТ қабул карда шудааст.

Мавзуи таҳқиқи диссертатсионӣ дар мавзуи «Бруцеллёз яков и меры борьбы с ними у условиях высокогорья Республики Таджикистан» таҳти

роҳбарии д.и.в. Муминов А. дар Шӯрои олимони Институти тибби ветеринарии АИКТ, Протоколи №10 аз «26» декабри соли 2013, тасдиқ карда шудааст.

Бинобар сабаби марги роҳбари илмӣ мавзуи рисолаи номзадии ӯ дар таҳрири нав дар Шӯрои олимони Институти тибби ветеринарии АИКТ, «Мониторинги эпизоотологию эпидемиологӣ ва чорҳои мубориза бар зидди брутселлёзи кутосҳо дар Вилояти Мухтори Куҳистони Бадахшон (ВМКБ)» тасдиқ карда шуда, роҳбари илмиаш номзади илмҳои ветеринарӣ Расулов Сунатулло Абдурасулович таъйин гардидааст (протоколи №2 аз «28» январи соли 2021)

Диссертатсияи Кашкулоев М.Ш. дар ҷаласаи якҷояи байниозмоишгоҳӣ озмоишгоҳи бемориҳои паранда, занбӯри асал ва моҳӣ, озмоишгоҳи бемориҳои бактериявӣ ва зоонозҳо, озмоишгоҳи вирусология, озмоишгоҳи бехатарии озуқаворӣ ва экология ва шуъбаи биотехнологияи маводи ветеринарӣ ва тадбиқ дар истеҳсолоти Институти тибби ветеринарии АИКТ (протоколи №1 аз «23» январи соли 2026) муҳокима гардидааст. Ба диссертатсия аз ҷониби муқарризон баҳои мусбат дода шуда, пас аз ислоҳи камбудиҳо ба зинаи навбатии ҳимоя тавсия карда шудааст.

Оид ба натиҷаи баррасии диссертатсия дар мавзуи «Мониторинги эпизоотологию эпидемиологӣ ва чорҳои мубориза бар зидди брутселлёзи кутосҳо дар Вилояти Мухтори Куҳистони Бадахшон (ВМКБ)» чунин хулоса қабул карда шуд:

- ихтисос ва номи мавзуъ ба шиносномаи ихтисос ва муҳтавои диссертатсия пурра мутобиқ мебошад;

- мавзуи диссертатсия ба самтҳои афзалиятноки рушди илм, техника ва технология дар ҷумҳурӣ аз он ҷумла ба банди 3-и “Стратегияи миллии рушди илм ва технологияи Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то осли 2030”, “Барномаи давлатии бехтарии озуқаворӣ барои солҳои 2023-2027”, «Барномаи Рушди Академияи илмҳои кишоварзии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2025» ва ба яке аз стратегияҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон - таъмин намудани бехатарии озуқавории мамлакат алоқамандии амиқ дорад;

- теъдод ва мазмуни интишороти натиҷаҳои илмӣ ба бемории брутселлёзи хайвонот ва ташхиси он бо истифода аз усулҳои гуногун бахшида шуда, ба муҳтавои диссертатсия ва автореферати он пурра мутобиқ мебошад;

- санадҳои тасдиққунандаи тадбиқи натиҷаҳои илмӣ дар истеҳсолот мавҷуд буда, натиҷаҳои тадқиқоти мазкур дар истеҳсолот тадбиқ гардидаанд;

- саҳми шахсии унвончӯй аз омӯзиш ва таҳлили маълумоти адабӣ, гузаронидани таҳлили оморӣ, омӯзиши усулҳои молекулявӣ, серологӣ, бактериологӣ, биологӣ ва клиникии таҳқиқи маводи амрозӣ аз чорво, банақшагирӣ ва тадбиқи бевоситаи тадқиқот, таҳлил ва ҷамбасти натиҷаҳои бадастомада иборат аст, инчунин тартиб додани натиҷаҳои таҳқиқоти илмӣ онҳо дар шакли мақолаҳои илмӣ дар нашрияҳои илмӣ ва таҳияи ҳуҷҷатҳои меъёрию техникӣ саҳми бевоситаи унвончӯй мебошад.

Диссертатсияи Кашкулоев М.Ш. дар мавзуи «Мониторинги эпизоотологию эпидемиологӣ ва чорҳои мубориза бар зидди брутселлёзи қутосҳо дар Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон (ВМКБ)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ветеринарӣ ба бандҳои 3.7. ва 3.8. Шиносномаи номенклатураи ихтисосҳои илмии Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ихтисоси 4.3.2. Микробиологияи ветеринарӣ (вирусшиносӣ, эпизоотология, занбӯруғшиносӣ бо заҳрзанбӯруғшиносӣ, масуниятшиносӣ) мувофиқат мекунад.

Диссертатсия дар 176 саҳифаи чопи компютерӣ таҳия шуда аз муқаддима, 4 боб, 14 параграф, хулоса ва рӯйхати адабиёти истифодашуда иборат мебошад.

Вобаста ба мавзу ва масоили таҳқиқи диссертатсионӣ 12 мақолаи илмӣ, аз ҷумла 8-то дар маҷалаҳои илмии дар феҳрести Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон воридшуда, интишор гардидааст, ки ҳаҷми умумии онҳо 3, 44 ҷузъи чопиро ташкил медиҳад.

Мундариҷаи асосии таҳқиқ аз рӯйи мавзуи диссертатсия дар таълифоти зерини муаллиф инъикос ёфтааст:

I. Мақолаҳои илмие, ки дар маҷалаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нашр шудаанд:

[1-М] Кашкулоев, М.Ш. Ташхиси серологии брутселлёзи қутосҳо дар минтақаҳои баландкуҳии Тоҷикистон **[Матн]** / М.Ш. Кашкулоев. // Доклади ТАСХН, №1, 2018. – С. 65-68., ISSN 2014-5435.

[2-М] Кашкулоев, М.Ш. Влияние инфекционных заболеваний на развитие яководства, проблемы, актуальность и пути решения **[Текст]** / С.А. Расулов, С.М. Косимов, Х.Г. Мукимзода // ЗЕМЛЕДЕЛЕЦ – 2025, - №3(108), - С.106-111., ISSN 2014-5435.

[3-М] Кашкулоев, М.Ш. Анализ ситуации по бруцеллёзу среди животных и людей в Горно-Бадахшанской Автономной области и Республике Таджикистан **[Текст]** / С.А. Расулов, М.И. Искандаров, С.М. Шоева, С.М. Косимов, Х.Г. Мукимзода // Известия НАНТ - 2025, - №3(230), - С.137-149., ISSN 2014-5435.

[4-М] **Кашкулоев, М.Ш.** Бактериологическое исследование бруцеллёза у яков в Горно-Бадахшанской автономной области Республики Таджикистан [Текст] / С.А. Расулов, С.М. Косимов, Х.Г. Мукимзода // Известия НАНТ – 2025, - №3(230), - С.150-157., ISSN 2014-5435.

[5-М] **Кашкулоев, М.Ш.** Эколого-географические и климатические особенности ведения животноводства в Таджикистане [Текст] / К.А. Одинаев, М. Амирбеков, И.Х. Раджабов // Известия НАНТ - 2025, - №3(230), - С.127-136., ISSN 2014-5435.

[6-М] **Кашкулоев, М.Ш.** Серологический мониторинг бруцеллеза среди яков в Мургабском районе ГБАО [Текст] / С.А.Расулов, С.М.Косимов // Доклады ТАСХН - 2025, - №3 (85), - С.145-150., ISSN 2014-5435.

[7-М] **Кашкулоев, М.Ш.** Кольцевая реакция как метод экспресс-диагностики бруцеллёза в молоке яков [Текст] / С.А. Расулов, С.М. Косимов,Х.Г.Мукимзода // Доклады ТАСХН – 2025, - №4 (86), - С.167-173., ISSN 2014-5435.

[8-М] **Кашкулоев, М.Ш.** Ретроспективный анализ серологических показателей у яков после вакцинации и ревакцинации вакцинами из штаммов Brucella abortus 19 и 82 [Текст] / С.А. Расулов // Доклады ТАСХН – 2026, - №1 (87), - С.158-166., ISSN 2014-5435.

II. Мақолаҳо ва фушурдаи интишорот ва маҷмуаҳои дигар:

[9-М] **Кашкулоев, М.Ш.** Брутселлёзи қутос, роҳҳои пешгирӣ ва мубориза бо он [Матн] / А. Муминов //Усулҳои инноватсионӣ ва муосири ташхис ва пешгирии бемориҳои сироятию инвазионии чорво ва паранда. Душанбе, 2019. С.55-59.

[10-М] **Кашкулоев, М.Ш.** Бруцеллёз среди животных и людей [Текст] / К.А. Одинаев, Г.Ш. Сатторов, С.М. Косимов // Усулҳои инноватсионӣ ва муосири ташхис, пешгирӣ ва табобати бемориҳои сироятӣ дар парандапарварӣ ва чорводории саноатӣ: маводи конференсияи илмию амалии байналмилалӣ. Душанбе, 2025. С.216–218.

[11-М] **Кашкулоев, М.Ш.** Қутоспарварӣ – самти ояндадори соҳаи чорводорӣ дар минтақаҳои баландкӯҳи Тоҷикистон [Матн] / С.А. Расулов, С.М. Қосимов, Ҳ.Г. Муқимзода // Усулҳои инноватсионӣ ва муосири ташхис, пешгирӣ ва табобати бемориҳои сироятӣ дар парандапарварӣ ва чорводории саноатӣ: Маводи конференсияи илмию амалии байналмилалӣ. Душанбе, 2025. С.240–243.

[12-М] **Кашкулоев, М.Ш.** Экологические особенности проявления бруцеллёза яков в Горно-Бадахшанской Автономной области Таджикистана [Текст] / С.А.Расулов // XXVIII Международный научно-практический форум «Аграрная наука -сельскохозяйственному

производству СНГ и BRICS», Сборник научных докладов XXVIII Международного научно-практического форума, посвященного памяти академика РАН А.С. Донченко. Краснообск, 2026, С. 818-821.

Ҷаласа қарор кард:

1. Диссертатсияи Кашкулоев Маҳмадназар Шарипович дар мавзуъи «Мониторинги эпизоотологию эпидемиологӣ ва чорҳои мубориза бар зидди брутселлёзи қутосҳо дар Вилояти Мухтори Куҳистони Бадахшон (ВМКБ)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ветеринарӣ аз рӯйи ихтисоси 4.3.2. Микробиологияи ветеринарӣ (вирусшиносӣ, эпизоотология,занбӯруғшиносӣ бо заҳрзанбӯруғшиносӣ, масуниятшиносӣ) кори таҳқиқии анҷомёфта ҳисобида шавад.

2.Рисолаи Кашкулоев Маҳмадназар Шарипович дар мавзӯи «Мониторинги эпизоотологию эпидемиологӣ ва чорҳои мубориза бар зидди брутселлёзи қутосҳо дар Вилояти Мухтори Куҳистони Бадахшон (ВМКБ)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ветеринарӣ аз рӯйи ихтисоси 4.3.2. Микробиологияи ветеринарӣ (вирусшиносӣ, эпизоотология,занбӯруғшиносӣ бо заҳрзанбӯруғшиносӣ, масуниятшиносӣ), бо назардошти ислоҳи эродҳои гирифташуда барои ҳимоя дар шурои диссертатсионии дахлдор тавсия дода мешавад.

Хулоса дар ҷаласаи байниозмоишгоҳии озмоишгоҳи бемориҳои бактериявӣ ва зоонотҳои Институти тибби ветеринарии Академияи илмҳои кишоварзии Тоҷикистон (ИТВ АИКТ) санаи 23 январи соли 2026 қабул гардидааст.

Иштирок доштанд: 10 нафар. Натиҷаҳои овоздиҳӣ: «тарафдор» - 10 нафар, «зид» - нест, «бетараф» - нест.

Раиси ҷаласа: Одинаев К.А.

Котиби ҷаласа: Негматов А.А.

Имзоҳои Одинаев Қурбон Амиршоевич ва Негматов Абдуқодир Абдулваҳобовичро тасдиқ менамоям:

Нозир оид ба кадр, Шабнами Раҳимҷон